Тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №22.1 аз 17 майи соли 2017 тасдиқ карда шудааст

# Кодекси одоби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Муқаррароти умумӣ

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Палатаи ҳисоб) масъулияти махсусро дар назди давлат ва ҷомеа эҳсос намуда, Кодекси одоби (минбаъд - Кодекс) Палатаи ҳисобро қабул менамояд.

Палатаи ҳисоб онро ба асос мегирад, ки рафтори кормандони мақоми олии назорати молиявӣ ҳамеша зимни ҳама гуна ҳолат бояд бенуқсон буда, ба сатҳи баланди соҳибкасбӣ ва талаботи ахлоқию этикӣ мувофиқат намояд.

Кодекси мазкур маҷмӯи меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии кормандони Палатаи ҳисобро, ки хислатҳои ахлоқии фаъолияти хизматӣ ва рафтори ғайрихизматии ӯро дар фаъолияти хизматӣ ва дар ҷомеа таҷассум намуда, ифодагари арзишҳои эътирофшудаи ахлоқи инсонӣ, талаботи маънавии ҷамъият нисбат ба хизматчии давлатӣ мебошанд, танзим менамояд

Қабули Кодекси мазкур шароити мусоиди кориро дар байни кормандони Палатаи ҳисоб таъмин намуда, боварӣ ва эҳтироми ҷомеаро ба фаъолияти ҳамарӯзаи кормандони он афзун мегардонад.

## Моддаи 1. Асоси таҳияи Кодекс

1.1. Кодекси мазкур тибқи талаботи моддаҳои 9, 19 ва 27-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.

1.2. Кодекси одоби Палатаи ҳисоб аз меъёрҳои рафтор, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, №591 ва Кодекси одоби аудиторони назорати давлатии Мақомоти олии назорати молиявии байналмилалӣ (ИНТОСАИ) сарчашма мегирад, асос ёфтааст.

## Моддаи 2. Доираи амали Кодекс

2.1. Муқаррароти Кодекси мазкур ба ҳамаи кормандони Палатаи ҳисоб, ки мансабҳояшонро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамоянд, ҳатмӣ мебошад.

2.2. Корманди Палатаи ҳисоб, ки ба хизмати давлатӣ шомил мешавад, бо Кодекси мазкур шинос шуда, ӯҳдадории бемайлон иҷро намудани меъёрҳои ахлоқӣ ва талаботи Кодекси мазкурро ихтиёран ба зиммаи худ мегирад.

**Моддаи 3. Мақсади Кодекс**

3.1. Мақсади Кодекси мазкур аз муқаррар намудани меъёрҳои одоб, қоидаҳои пешбурди кор ва ахлоқи ҳамидаи кормандони Палатаи ҳисоб барои иҷрои сазовори фаъолияти касбии худ иборат мебошад.

3.2. Кодекс меъёрҳои одобу рафтори кормандони Палатаи ҳисобро дар рафти иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ва берун аз ҷои кор ва ҷомеа, усулҳои асосии муносибати тарафайн бо кормандони ташкилоту муассисаҳои санҷидашаванда, қоидаҳои пешбурд ва тартиби ҳалли баҳсҳои ахлоқиро муайян менамояд.

**Моддаи 4. Талаботи умумии ахлоқи корманди Палатаи ҳисоб**

4.1. Корманди Палатаи ҳисоб бояд ба Ватани худ содиқ бошад, манфиатҳои иқтисодии онро ҳимоя кунад, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда, нисбати вазифаи касбиаш садоқат нишон диҳад. Ӯҳдадориҳои вазифавии худро ба таври намунавӣ иҷро намояд ва дорои масъулияти баланд бошад.

4.2. Меъёрҳои ахлоқии корманди Палатаи ҳисоб талаботи умумии ахлоқиро барои хизматчиёни давлатӣ, инчунин талаботи махсуси ба фаъолият ва ӯҳдадориҳои касбии ӯ, берун аз ҷои кор ва ҷомеа алоқамандро фаро мегирад.

**Моддаи 5. Принсипҳои асосии ахлоқии корманди Палатаи ҳисоб вобаста ба хусусияти фаъолияти он**

5.1 Корманди Палатаи ҳисоб дар фаъолияти худ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ғайрихизматӣ, принсипҳои зеринро бояд риоя намояд:

а) **Ҳалолкорӣ ва беғаразӣ**. Корманди Палатаи ҳисоб ӯҳдадор мебошад, ки меъёрҳои рафтори бенуқсони шахсӣ ва касбиро риоя намуда, дар муносибати худ бо кормандони масъули ташкилоте, ки дар он чорабинии назоратӣ гузаронида мешавад, дараҷаи баланди касбият ва ахлоқи нек нишон дода, ба паст шудани обрӯи худ роҳ надиҳад. Кори худро софдилона ва мустақилона ба иҷро расонда, зимни хулосаю қарорҳои худ оиди натиҷаи чорабинии назоратӣ, беғараз бошад. Барои хулосабарорӣ ва ҷамъбаст танҳо маълумоти санҷидашуда ва воқеиро ба асос гирифта, ҳеҷ гоҳ бо дахолати шахси дигар аз рӯи фармон, ғараз ва фишори беруна амал нанамояд;

б) **Поквиҷдонӣ.** Корманди Палатаи ҳисоб бояд нисбати одамон хайрхоҳ, хушмуомила ва зимни фаъолияти касбии худ поквиҷдон бошад. Обрӯ ва нуфузи корманди Палатаи ҳисоб бояд бо эҳтиром ва эътибори шахсии ӯ тақвият ёбад;

в) **Салоҳияти касбӣ**. Талаботи мазкур аз корманди Палатаи ҳисоб доимо донишу маҳорат, баланд бардоштани савияи касбӣ, натиҷа ва сифати хуби кор, донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва малакаи зарурии амалиро талаб менамояд. Агар корманд чунин шуморад, ки барои иҷрои вазифаи супоридашуда салоҳияти зарурӣ надорад, ӯ бояд дар ин хусус роҳбари бевоситаи худро огоҳ намояд;

г) **Рафтори бенуқсон.** Корманди Палатаи ҳисоб бояд барои ташаккул ва таҳкими эътибору нуфузи баланди мақоми олии назорати молиявӣ ҳамаҷониба мусоидат намояд. Аз амалҳое, ки метавонад ба ин эътибору нуфуз халал ворид созад, худдорӣ кунад. Корманди Палатаи ҳисоб дар фаъолияти касбии худ меъёрҳои қонунгузорӣ, вазифаҳои хизматӣ, дастуру санадҳои методию стандартиро, ки барои гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ муқаррар шудаанд, ба роҳбарӣ мегирад;

д) **Риояи қонун.** Корманди Палатаи ҳисоб риояи дақиқ ва иҷрои пурраи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, таъмин менамояд;

е) **Махфияти маълумот.** Корманди Палатаи ҳисоб набояд маълумотеро, ки дар ҷараёни гузаронидани чорабинии назоратӣ ба даст овардааст, ба ҷониби сеюм ифшо намояд, ба истиснои ҳолати пешбининамудаи қонунгузорӣ ё дигар ҳуҷҷате, ки ҷузъи тартиби муқаррарнамудаи мақоми олии назорати молиявӣ мебошад. Корманди Палатаи ҳисоб бояд роҳ надиҳад, ки ахбори махфӣ бо мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода бурда шавад;

ё) **Мустақилият.** Корманди Палатаи ҳисоб бояд аз объекти санҷидашаванда, дигар ташкилотҳои манфиатдор ва шахсони соҳибмансаб вобаста набошад. Ҳангоми гузаронидани санҷиш корманди Палатаи ҳисоб бояд аз ҳама гуна манфиатҷӯӣ, ки метавонанд ба талаботи ҳалолкорӣ, беғаразӣ ва поквиҷдонӣ мувофиқат накунанд, озод бошад. Дар амалӣ намудани масъалаҳои марбут ба фаъолияти касбии корманди Палатаи ҳисоб, фикри ғаразнок нисбати шахсият ва объекти санҷидашаванда бояд халал нарасонад.

Инчунин, корманди Палатаи ҳисоб ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ, берун аз ҷои кор ва ҷомеа бояд:

- аз ҷалб шудан ба коре, ки ихтиёран ё ғайриихтиёрӣ имкон дорад ба мустақилияти ӯ таъсир расонад, худдорӣ намояд;

- бетарафии сиёсӣ ва мустақилияти шахсиашро аз ҳама гуна таъсири сиёсӣ нигоҳ дорад, то ин, ки вазифаҳои худро холисона иҷро намояд;

- барои ҳифзи мустақилияти худ ҷидду ҷаҳд намуда, аз ҳама гуна ихтилофи манфиатҳо дурӣ ҷӯяд, аз тӯҳфа ё дигар ҳавасмандгардониҳо, ки метавонанд ба мустақилият, ҳалолкорӣ ва шаффофияти фаъолият таъсир расонанд, даст кашад;

- нисбати роҳбарият ва кормандони ташкилоти санҷидашаванда ба ҳама гуна муносибате, ки метавонад ӯро бадном кунад ё ба имконияти мустақилона амал намудан таъсир расонад, роҳ надиҳад;

- нуфузи Палатаи ҳисобро бо мақсадҳои шахсӣ истифода набарад ва аз муносибатҳое, ки метавонад ба ришвахӯрӣ оварда расонад ё ин, ки беғаразӣ ва вобаста набудани ӯро зери шубҳа гузорад, дурӣ ҷӯяд;

-корманди Палатаи ҳисоб бояд дар муносибатҳои хизматӣ ва ғайрихизматӣ хоксору хушмуомила бошад, дар фаъолияти худ санъати сухан, қоидаҳои умумии муоширaт ва пӯшидани либосро мутобиқи расмиёти одоби корӣ, риоя намояд.

5.2 Корманди Палатаи ҳисобро зарур аст маҳдудиятҳоеро, ки метавонад ба қобилияти кор кардани ӯ ва холисона хулоса баровардан таъсир расонад, ба инобат гирад. Агар ба корманд таъсири номатлуб расонида шавад ва дар баробари ин, имкони бартарафкунии чунин таъсир вуҷуд надошта бошад, бояд аз иштирок дар гузаронидани чорабинии назоратии мазкур даст кашад.

5.3 Муносибатҳои шахсӣ ё оилавии корманди Палатаи ҳисоб бояд мустақилияти ӯро зимни иҷрои вазифа халалдор насозад. Корманде, ки мустақилияти ӯ таҳти таъсири ҳолатҳои характери шахсӣ ё оилавидошта қарор гирифтааст, ҳуқуқ надорад, ки дар чорабиниҳои дахлдори назоратӣ иштирок кунад ва вазифадор аст, ки роҳбарияти худро дар бораи ҷой доштани чунин ҳолатҳо саривақт огоҳ намояд.

## Моддаи 6. Муносибати корманди Палатаи ҳисоб бо ҳамкорон, зердастон ва мутахассисони ҷалбгардида

6.1. Корманди Палатаи ҳисоб бояд барои барқарор намудани муносибатҳои хуби корӣ ва рафиқона дар байни кормандон мусоидат намояд. Соҳибкасбӣ ва ҳамкории амалии онҳо, омили муҳими самаранокии фаъолият мебошад.

6.2. Корманди Палатаи ҳисоб, ки нисбати ҳамкорони худ ваколатҳои зиёд дорад, ба ҳуқуқи ҳамкорон дар мавриди ибрози ақидаи касбии худ эҳтиром гузорад, ҳарчанд ин ақида аз назари шахсии ӯ фарқ кунад.

6.3. Корманди мансаби роҳбарии Палатаи ҳисобро ишғолнамуда бояд фаъолияти намунавии касбӣ зоҳир карда, ахлоқи ҳамида дошта бошад. Аз рӯи адолату некхоҳӣ ва таваҷҷӯҳи амиқ нисбати ҳамкорону зердастон хизмат кунад. Дар байни онҳо барои ташаккули фазои созгорӣ ва ахлоқию маънавӣ ҷиҳати кори самаранок мусоидат намояд. Роҳбар ҳуқуқ надорад, ки масъулияти худро ба ҳамкорон ва зердастонаш вогузор намояд.

6.4. Корманди Палатаи ҳисоб на ҳама вақт метавонад дорои донишҳои махсус ё дар ҳамаи самтҳои фаъолияти назоратӣ таҷрибадор бошад. Аз ин рӯ, ҳолатҳое ба миён меоянд, ки бо мақсади таъмини сифати зарурии санҷиш ҷалби мутахассисони кордону варзида ва

таҷрибадор мувофиқи мақсад мебошад. Машварат бо ҳамкорон ва нигоҳ доштани сири касбӣ, омили таҳкими ҳирфияти ҳар корманд мебошад.

6.5. Корманде, ки кӯмаки машваратӣ мерасонад, вазифадор аст барои нигоҳдории обрӯи касбии корманде, ки ин кӯмакро хоҳиш намудааст, кӯмакашро миннат накунад ва дар мавриди иҷрои салоҳияти касбӣ ба ӯ хӯрдагирӣ нанамояд.

6.6. Корманди Палатаи ҳисоб ҳангоми истифода аз хизмати мутахассисони ҷалбгардида, бояд онҳоро бо талабот ва тартиби ахлоқии дар Кодекси мазкур дарҷёфта, ошно созад.

## Моддаи 7. Шаффофият ва пешниҳоди ахборот

7.1. Шаффофият яке аз шартҳои муҳими фаъолияти самараноки корманди Палатаи ҳисоб мебошад. Маълумот дар бораи фаъолияти Палатаи ҳисоб метавонад бо тартиби муқарраргардида тавассути воситаҳои ахбори омма пешниҳод карда шавад. Риояи тартиби мазкур шаффофияти натиҷаҳои чорабиниҳои назоратиро таъмин менамояд.

7.2. Ҳангоми таҳияи санад ва ҳисоботҳо дар бораи натиҷаҳои чорабинии назоратӣ, корманди Палатаи ҳисоб набояд:

а) ба эътибору нуфузи Палатаи ҳисоб тавассути истифодаи маълумоти насанҷида, ғаразнок ё дидаву дониста бардурӯғ зарар расонад;

б) муваффақияти кори худ ва натиҷаҳои бадастовардаашро муболиғаомез ва аз ҳад зиёд нишон диҳад;

в) нисбати фаъолияти ҳамкорону ҳамкасбонаш беэътиноӣ намояд.

7.3. Корманди Палатаи ҳисоб ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма доир ба инъикоси кори мақоми олии назорати молиявӣ бояд бо эҳтиром ва ҳусни тафоҳум муносибат намояд.

## Моддаи 8. Ихтилофҳои ахлоқӣ ва ҳалли онҳо

8.1. Корманди Палатаи ҳисоб дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои хизматии худ метавонад бо чунин ҳолатҳои ихтилофнок рӯ ба рӯ шавад:

а) фишор аз ҷониби роҳбар;

б) муносибатҳои характери оилавӣ ё шахсӣ дошта, ки барои таъсиррасонӣ ба фаъолияти хизматии корманд истифода мешавад;

в) хоҳиш ва талаби шахсони дигар, ки барои бархилофи вазифаҳои хизматии худ амал намудани корманд нигаронида шудааст;

г) таъсиррасониҳое, ки ба воситаи овозаҳо, туҳмату бӯҳтон ва ғайра, бо мақсадҳои тамаъкорӣ анҷом дода мешаванд.

Дар ҳамаи ин ва дигар ҳолатҳо корманди Палатаи ҳисоб бояд рафтори шоиста зоҳир карда, ҷиддан мувофиқи ӯҳдадориҳои хизматии худ, инчунин талаботи Кодекси мазкур амал намояд.

8.2. Корманди Палатаи ҳисоб бояд ҳолатҳои ихтилофнокро, ки метавонад ба обурӯи шахсӣ ё салоҳияти хизматиаш зарар расонанд, пешгирӣ намояд.

8.3. Дар сурати ба корманди Палатаи ҳисоб муяссар нагардидани пешгирии ҳолати ихтилофнок, ӯ бояд ба дуруст ҳал кардани он муваффақ гардад ва ба ин мақсад амалеро иҷро намояд, ки Кодекси мазкур ва қонунгузории амалкунанда пешбинӣ намудааст.

8.4. Агар дар Палатаи ҳисоб низоми чорабиниҳои зарурӣ доир ба ҳалли ихтилофҳои ахлоқӣ муқаррар нашуда бошад, корманд бояд тадбирҳои зеринро амалӣ намояд:

а) мушкилоти ихтилофро бо роҳбари бевоситааш муҳокима намояд;

б) бе маслиҳати роҳбараш мушкилотро ҳал накунад ва бе иҷозати ӯ ба роҳбарияти мақоми нисбатан баланд муроҷиат нанамояд;

в) агар роҳбари сатҳи муайян мушкилотро ҳал карда натавонад ё худаш бевосита аз он манфиатдор бошад, бояд ба роҳбари сатҳи нисбатан баландтар муроҷиат намояд;

г) дар сурати бенатиҷа анҷомидани тадбирҳои андешидашуда, барои маслиҳат ва тавсияҳо ба ташкилоти дахлдор муроҷиат намояд.

## Моддаи 9. Масъулият барои вайрон намудани меъёрҳои Кодекс

9.1. Риояи меъёрҳои Кодекси мазкур аз ҷониби корманди Палатаи ҳисоб барои баҳогузории ҳамаҷониба ва воқеии сифатҳои шахсӣ ва кории вай муҳим мебошад.

9.2. Назорати риояи Кодекси мазкур дар Палатаи ҳисоб аз тарафи Комиссия оид ба одоби кормандони Палатаи ҳисоб (минбаъд-комиссия) амалӣ карда мешавад.

Комиссия бо фармоиши Раиси Палатаи ҳисоб аз ҳисоби хизматчиёни давлатӣ, аъзои кумитаи иттифоқи касаба таъсис дода мешавад ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ аз 3 декабри соли 2015, №591, Кодекси мазкур ва Низомномаи комиссия, фаъолият менамояд.

9.3. Комиссия оид ба одоби кормандон нисбат ба вайронкунандаи Кодекси мазкур метавонад чораҳои гуногуни таъсиррасонӣ, ба монанди тавсиядиҳӣ, муҳокима намудан, огоҳ сохтан ва ғайра андешад. Барои содир намудани рафтори ношоям, ки шаъну шарафи корманди мақоми олии назорати молиявиро паст мезанад ва ба нуфузу эътибори Палатаи ҳисоб зиён меоварад, Комиссия метавонад дар бораи номувофиқатии ахлоқи корманди мазкур ба роҳбарияти мақомот хулоса пешниҳод кунад ва онро ба Комиссияи аттестатсионӣ манзур намояд.

## Моддаи 10. Муқаррароти хотимавӣ

10.1. Тағйиру иловаҳо ба Кодекси мазкур аз рӯзи тасдиқ гардидани он аз ҷониби Ҳайти мушовараи Палатаи ҳисоб, мавриди амал қарор мегирад ва риояи он аз ҷониби ҳамаи кормандони Палатаи ҳисоб ҳатмӣ мебошад.

10.2. Кормандони Палатаи ҳисоб барои ба таври дахлдор иҷро кардани талаботҳои Кодекси мазкур, масъул мебошанд.